# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба кори диссертатсионии Намозов Амонулло Каримхонович дар мавзӯъи “Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор” оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ**

Таҳқиқотҳои олимон оид ба омӯзиши полиморфизми дарахтони мевадиҳандаи ёбоӣ, нишон медиҳанд, ки, дар шароити табии Тоҷикистон дар муддати 10-15 сол дар натиҷаи гардолудшавии онҳо ба воситаи ҳашарот, шамол ва дигар омилҳои табиӣ шаклҳои ёбоии нав пайдо мешаванд, ки аз дарахтони модарӣ бо бисёр аломатҳо фарқияти калон дошта, агар баъзе аз онҳоро бе селексияи иловагӣ ба истеҳсолот тавсия додан мумкин мумкин бошад ҳам, як қисми дигарашон ҷиҳати беҳтар намудани сифати мева ба селексияи иловагӣ ниёз доранд. Табиати Тоҷикистон дар маҷмӯъ ва водии Ҳисор аз он ҷумла аз ҳар гуна дарахтони мевадиҳанда хеле бой бошанд ҳам, дарёфти шаклҳоиояндадор, бо роҳи корҳои селексионӣ хубтар намудани сифати мева, мутобиқ намудан ба шароити иқлими ҷумҳурии мо ва ворид намудани дарахтони мевадиҳандаи сифати меваашон беҳтар аз дигар минтақаҳо ва кишварҳо аз манфиат холӣ нест. **Ҳамин тариқ, гуфтаҳои болозикр аз он шаҳодат медиҳанд, ки кори диссертатсионии Намозов А.К. ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсияи мазкур барои ҳимоя пешниҳод шудааст, ба пуррагӣ мутобиқат менамояд.**

Ҷиҳати иҷрои яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат, ки Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муайян карда буданд – ин таъмини амнияти озуқавории Тоҷикистон мебошад ва дар ҳошияи ин ҳадафи стратегӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаҳои зиёдеро оид ба боғдорӣ ва токпарварӣ низ роҳандозӣ намуданд. Дар асоси Барномаҳои мазкур ба бунёди боғҳои дарахтони мевадиҳанда, аз ҷумла себзорҳо, ки яке

аз соҳаҳои сердаромад ба шумор мераванд афзалият дода шудааст. Аз ин рӯ, муҳиммияти омӯхтани навъҳои маҳаллии себ ва шаклҳои ёбоии он дар муқоиса бо навъҳои воридшуда, имкон медиҳад, ки навъу шаклҳое муайян карда шаванд, ки дорои хусусиятҳои баланди арзишманд буда ҳамчун манбаи аломатҳои пурқимат барои селексия ва ғанӣ гардонидани навъҳои пурмаҳсули себ дар мамлакат истифода шаванд. **Хулоса, дар мубрам будани мавзӯъи диссертатсия ҷиҳати иҷрои ҳадафи стратегии мамлакат вуҷуд доштани ягон шубҳа ғайри имкон аст.**

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Аз тарафи муаллиф бори аввал омӯзиши агробиологии навъҳои маҳаллӣ, навъҳои воридшуда ва шаклҳои ёбоии себ, хусусиятҳо ва қонуниятҳои зуҳуроти нерӯи мутобиқшавӣ ва маҳсулнокии навъу шаклҳои ояндадори себ вобаста ба тағйирёбии иқлим ва хосияти навъӣ дар шароити водии Ҳисор муайян карда шуданд. Аввалин маротиба аз байни шаклҳои ёбоии себ 4 шаклаш бо аломатҳои ба хушкӣ тобовар ҷудо карда шуданд. Ҳамзамон бори аввал барои парвариши себ базаи маълумотнома, ки дар он тавсифи пурраи 5 навъи маҳаллӣ, 6 навъи воридшуда ва 4 шакли ёбоии себ, дар шароити водии Ҳисор омӯхта шудаанд ва аз руйи аломатҳои асосии селексионӣ ва иқтисодӣ пурарзишанд, таҳия карда шуданд. **Нуқтаҳои илмиеро, ки диссертант барои ҳимоя пешниҳод намудаанд** ҳақиқатан ҳам аз мақсади гузоштааш дар рисола ва вазифаҳои мушаххаси муайян намудааш ҷиҳати иҷрои ин мақсадҳо бармеоянд. Ҳамаи нуқтаҳои илмиеро (8-то), ки муаллиф барои ҳимояи диссертатсияи мазкур пешниҳод намудаанд, ба пуррагӣ мазмуну мундариҷаи онро фарогир ҳастанд ва ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунанд.

Намозов Амонулло Каримхонович натиҷаҳои асосии илмии диссертатсияро дар ҳаҷми панҷ хулосаи хеле ҳам мукаммал ҷамъбаст намудааст. Дар асоси баҳодиҳии агробиологии навъҳо ва шаклҳои себ аз рӯйи хусусиятҳои асосии истеҳсолию биологӣ, манбаъҳои хусусиятҳои аз ҷиҳати истеҳсолӣ арзишнок оид ба истифода намудани онҳо дар корҳои

селексионӣ барои бунёди боғдории саноатии кишвар муайян карда шудаанд. Аз рӯйи аломатҳои арзишноки дергулкунӣ 3 навъи маҳаллӣ, 1 навъи интродуксионӣ ва 4 шакли ёбоии себ ҷудо карда шуд, ки вобаста ба давраи гулкунӣ аз ҳамдигар фарқият доранд, ва ғайраҳо. Хулосаҳои диссертатсияи баррасишаванда аз рӯи талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст гардида, дар охири ҳар як хулоса мақолаи илмии нашргардидаи ба он дахлдор тибқи талабот нишон дода шудааст. **Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикргардида,** инҳо натиҷаҳои чандинсолаи таҳқиқот ва таҷрибаҳои саҳроии муаллиф оид ба омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор мувофиқи методикаи таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи кишоварзии самти растанипаварӣ гузаронида шуда, коркард карда, исбот шуда, дар асоси талаботи дастури таҷрибаҳои саҳроӣ, мувофиқи услуби пешниҳодкардаи Б.А.Доспехов (1985) роҳандозӣ шуда, натиҷаҳои бадастомада, тавассути усули таҳлили оморӣ коркард карда шуда, натиҷаҳои дастрасгардида бо истифода аз усули таҳлили дисперсионӣ дар барномаи компютерии Microsoft Excel, 2010 иҷро карда шуданд. **Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо тавсияҳои** дақиқ ифода ёфта дар саҳифаҳои 8, 9, 11, 12 ва 128 диссертатсия, инчунин дар саҳифаҳои 5, 6, 7 ва 21-и автореферат (бо забони давлатӣ), саҳифаҳои 5, 6, 7 ва 21-и автореферат (бо забони русӣ) ба пуррагӣ дарҷ гардидаанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ** аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертант 4 мақолаҳои илмиашро дар нашрияҳои бонуфузи тақризшавандаи КОА -и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: 2 мақола дар “ Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии Кишоварз”, 2014, №4(64) -С. 78-79, ISNN 2074-5435; 2021, №3, (92), С.61-64, ISNN 2074-5435; ва 2 мақолаи дигар дар “Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”, 2016. -№8. С.195-197 ISSN 2413-452X.; -2018, 2 , С.213-217 ISSN 2413-452X., ба нашр расонидааст.

**Диссертатсияи мазкур ба талаботи ба расмият дарории Комиссия ба пурраги мутобиқат мекунад.** Соҳаи таҳқиқот самти кишоварзӣ ба шумор рафта, мавзуи он ба шиносномаи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат менамояд. Таҳқиқоти мазкур ба пурраги дар асоси барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзӯъҳои илмӣ (ГР 01890003132; РКД 0116TJ00601) иҷро гардидааст. Таҷрибаҳо ва рафти иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ давоми солҳои 2014-2018 аз тарафи Комиссияи апробатсионии Маркази миллии захираҳои генетикии АИКТ, Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ, Институти зироаткории АИКТ ва Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур баҳогузорӣ карда шудаанд.

Ҳамин тариқ диссертатсияи таҳиягардида аз муқаддима, 5 боб, натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо, тавсияҳо ба истеҳсолот, 17 расм, 5 диаграмма ва 23 ҷадвал иборат мебошад. Рӯйхати адабиётҳои истифодашуда аз 219 номгӯй иборат буда, аз он ҷумла 5-номгӯяш бо забони хориҷӣ мебошанд.

Дар Боби 1 – Шарҳи адабиёт муаллифи диссертатсия адабиётҳои классикӣ ва муосирро доир ба мавзӯъи мазкур ҳаматарафа шарҳ дода аз “Таърихи пайдоиш, паҳншавӣ, омӯзиш ва таҳқиқи таксономияи ҷинси себ ва навъу шаклҳои он” то “Ҳолати имрӯза ва ояндаи соҳаи боғдорӣ дар ҷумҳурӣ”-ро муфассал таҳлил намудааст.

Дар Боби 2-юм бошад “Шароити хоку иқлим, объект ва усулҳои таҳқиқот” ба пурраги шарҳ дода шудаанд.

“Натиҷаҳои таҳқиқот” бошанд Бобҳои 3, 4 ва 5 – ро дар бар гирифта қисми асосии диссертатсияро ташкил медиҳанд. Муаллиф хусусиятҳои биологӣ ва аломатҳои арзишноки навъ ва шаклҳои себ, бо гузариши ҳамаи марҳилаҳои фенологӣ, баҳодиҳии ҳосилнокии навъҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии себ, ҳосилбандии даврагӣ (солбандӣ) – и навъу шаклҳои себро дар шароити водии Ҳисор омӯхтааст. Устувории навъу шаклҳои ёбоии себ бо таъсири омилҳои табиӣ ва таркиби химиявии меваҳои себ, муқовимат ба омилҳои номусоиди табиӣ, устувории навъҳои себ ба ҳар гуна касалиҳо,

ба хушкӣ ва ғайраро, муаллиф дар шароити водии Ҳисор ҳаматарафа омӯхта хулосаҳои дақиқро баровардааст. Аз тарафи диссертант самараи иқтисодии парвариши навъҳои себ низ асоснок карда шуда, тавсияҳои хеле муфид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар истеҳсолот пешниҳод шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар диссертатсияи пешниҳод кардаи Намозов А.К. ба монанди ҳамаи корҳои калон ҳаҷми илмӣ-таҳқиқотӣ баъзе камбудиҳои на он қадар ҷиддӣ ҷой доранд:

1. Дар матнҳои диссертатсия ва автореферат баъзе хатогиҳои грамматикӣ, орфографӣ ва стилистикӣ вомехӯранд.

**2.** Дар саҳифаи 5 диссертатсия диссертант ба бисёре аз муаллифон истинод оварда номи онҳо дар рӯйхати адабиётҳо оварда нашудааст:

- И.Т. Васильченко (1957); -Гулов С.М., УруновФ., Ҳ.Н.Назиров (1999); В.В. Пономаренко (1950).

**3.** Чунин камбудиҳо дар саҳифаҳои 13 ва 98 диссертатсия низ ба назар мерасанд: Н.Н.Коваленко, А.А. Юшев, Р.Ш. Заремук (1972); Ю.А. Доля, О.В.Ерёмина, С.Т. Скороход(1970); А.А.Бобоев, М.Музаффарзода (2023) низ дар матни диссертатсия вомехӯранд, лекин дар рӯйхати адабиётҳо оварда нашудаанд.

**4.** Дар саҳифаи 6 автореферат (матни тоҷикӣ) омадааст: “Саҳми иштироки бевоситаи унвонҷӯ барои ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқот **87.24%-**ро ташкил медиҳад.” (дар матни русӣ с. 6), ҳоло он, ки дар саҳ.11-уми диссертатсия ин рақам **85%** нишон дода шудааст. Шояд ин хатогии техникӣ шуда бошад?

**5**. Дар саҳиаи 14 диссертатсия муаллиф менависад: “Тибқи маълумотҳои илмӣ аз 12 намуди маълуми себ, ки дар давлатҳои Муштаракулманофеъ ва дар даруни қавсайн (ИДМ) менависанд. Шояд ИДМ ин Иттиҳоди давлатҳои мустақил бошад?

**6**. Дар Боби 2-юми диссертатсия “Шароити хоку иқлим, объект ва усулҳои таҳқиқот”, қисми 2.3 “Тавсифи мавод ва усулҳои таҳқиқот”, қисми тавсифи мавод бо бо матн ва ҳамаи расмҳояш, яъне аз расми 1 то

15, аз саҳифаи 56 то 70 ба Боби 3 “Хусусиятҳои биологӣ ва аломатҳои арзишноки навъ ва шаклҳои себ дар шароити водии Ҳисор” гузаронида мешуданд, хубтар мешуд.

**7.** Ба фикри ман агар муаллифи диссертатсия дар Боби 3 дар қисмҳои 3.1, 3.2., 3.3, 3.4, 3.5, 3.6 матнҳояшро тағйир надода, расму ҷадвалашро ба намуди як расми бо номи ф е н о с п е к т р нишон медод, хеле беҳтар мебуд.

Бо назардошти гуфтаҳои болозикр, камбудиҳои ҷойдошта дар диссертатсия арзиши илмӣ, мазмуну мундариҷаи онро халалдор нанамуда, қайд кардан ба маврид аст, ки кори диссертатасионӣ дар мавзӯъи “Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор” ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он Намозов Амонулло Каримхонович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон, сарходими илмии Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю.Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академики АМИТ, доктори илмҳои кишоварзӣ
А.С. Фелалиев

Имзои академики АМИТ, д.и.к. А.С. Фелалиев-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Шӯъбаи кадрҳои Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю.Юсуфбекови АМИТ Л. Наврузқулова

ИБП АМИТ • PBI NAST
КАДРХО

Суроға: 736000, Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи ба номи У. Холдоров, 1
Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю.Юсуфбекови АМИТ

Почтаи электронӣ: felaliev@mail.ru; тел. мобилӣ: +992 93 786 97 77
12.03.2024